***ТДУ 37 Т.***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-40-44***

# ИНЪИКОСИ ЛИБОС-ПӮШОКИ ТОҶИКОНИ ПОМИР ВА НАЗДИПОМИР ДАР АСАРҲОИ ШАРҚШИНОСОНИ РУС (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX)

***Маҳмудова Назира Солихӯҷаевна**, н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров” (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ОТРАЖЕНИЕ ОДЕЖДЫ ТАДЖИКОВ ПАМИРА И НАЗДИПОМИРА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ РУССКИХ ВОСТОКОВЕДОВ (ВТОРАЯ ПОЛОВИНА XIX - НАЧАЛО XX ВЕКА)

***Махмудова Назира Солихуджаевна**, к.и.н., доцент, заведующая кафедрой истории таджикского народа ГОУ “ХГУ имени академика Б.Гафурова” (Таджикистан, Худжанд)*

# REFLECTION OF THE CLOTHING OF THE TAJIKS OF THE PAMIRS AND NAZDIPOMIR IN THE WORKS OF RUSSIAN ORIENTALISTS (SECOND HALF OF THE 19TH - EARLY 20TH CENTURIES)

***Makhmudova Nazira Solihujaevna**, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Home History, SEI “KhSU named after acad. B.Gafurov” (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** maxmydova70@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** шарқшиносони рус, ҷома, матои пашмин, салла, пойафзол, сарватмандон, камбағалон.*

*Мақола ба масъалаи саҳми шарқшиносони рус дар омӯзиши маданияти моддӣ ва ҳаёти маишии аҳолии Помир ва Наздипомир (Қаротегин ва Дарвоз) бахшида шудааст. Қайд карда шудааст, ки либос яке аз беҳтарин сарчашма барои омӯзиши таърихи халқҳо ба шумор меравад. Шарқшиносони рус сарулибоси мардуми ин минтақаро омӯхта зикр кардаанд, ки аксарияти тоҷикони Помир ва Наздипомир дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX камбағалона, қашшоқона умр ба сар мебурданд. Бино ба қайди олимон сарулибосро худашон медӯхтанд Ҳар як соҳибхоназан метавонист ҳам барои худаш ва ҳам барои аъзои оилааш либос дӯзад. Асарҳои шарқшиносони рус ,ки ба масъалаи ҳаёти фарҳанги аҳолии Помир ва Наздипомир бахшида шудааст ва маводи бойгониҳо мавриди таҳлил қарор гирифта таъкид шудааст, ки дар омӯзиши либос-пушоки аҳолии Помир ва Наздипомир саҳми олимон И.И Зарубин, А.Серебренников, В.Н.Николский, М.С.Андреев, А.А. Бобринский, Семенов А.А., А.К.Писарчик ва дигарон хеле назаррас аст.*

***Ключевые слова:** русские востоковеды, халат, шерстяная ткань, тюрбан, обувь, богатый, бедный.*

*Статья посвящена вкладу русских востоковедов в изучение материальной культуры и быта населения Памира и Наздипомира (Каротегина и Дарвоза). Отмечено, что роль российских востоковедов в изучении и исследовании традиционной одежды таджиков значительна. В статье приведены сведения о женской и детской одежде, одежде бедняков, богатых и губернаторов по данным исследований русских востоковедов. Автор отмечает вклад исследователей И.И. Зарубина, А. Серебренникова, В.Н. Никольского, М.С. Андреева, А.А. Бобринской, А.К. Писарчик и других известных русских ученых, проводившие исследования общественной жизни населения Памира. Имеются также сведения о различных видах одежды и вещевых обычаях населения Памира, основанные на исследованиях российских ученых.*

***Key words:** Russian orientalists, robe, woolen fabric, turban, shoes, rich, poor.*

*The article is devoted to the contribution of Russian orientalists to the study of the material culture and life of the population of the Pamirs and Nazdipomir (Karotegin and Darvoz). It is noted that the role of Russian orientalists in the study and research of traditional Tajik clothing is significant. The article provides information about women's and children's clothing, clothing of the poor, rich and governors according to research by Russian orientalists. The author notes the contribution of researchers I.I. Zarubina, A. Serebrennikova, V.N. Nikolsky, M.S. Andreeva, A.A. Information provided by Bobrinsky, A.K. Pisarchik and other famous Russian scientists who conducted research on the social life of the Pamir population.*

Сарулибос, пӯшокворӣ, бино ба қайди шарқшиносони тоинқилобии рус, яке аз беҳтарин сарчашмаҳо барои омӯзиши таърихи халқҳо мебошад. Бо эътирофи аҳли таҳқиқ омӯзиши сарулибос дар ҳалли бисёр муаммоҳои маданияти миллӣ саҳми босазо дорад [14, с. 3].

Мутаассифона, ягон тадқиқотчиёни тоинқилобии рус, ба ғайр аз Зарубин И.И [9], дар назди худ мақсади тадқиқоти махсуси масъалаи номбаршударо намондааст. Барои ҳамин ҳам маводҳои ҷамъкардаи онҳо характери умумӣ доранд. Дар онҳо асосан номгӯи либосҳо ва матоъҳое, ки аз онҳо либос медӯхтанд, зикр шудааст. Шарқшиносони рус сарулибоси мардуми ин минтақаро

омӯхта, зикр кардаанд, ки аксарияти тоҷикони Помир ва Наздипомир камбағалона, қашшоқона умр ба сар мебурданд.

Пӯшоки асосии тоҷикони Помир ва Наздипомир (Қаротегин ва Дарвоз) ба гуфти А.Серебренников "аз камбағалон сар карда то сарватмандон ва худи хон низ ҷома ҳисоб мешуд, ки онро ҳам дар зимистон, ҳам тобистон мепӯшиданд ва он ҳама либосҳо монанди: камзӯл, палто, пӯстин ва ғайраро иваз мекард [15, с. 418]. Шарқшиносони рус зикр мекунанд, ки ин ҷомаҳо аз ҷиҳати шакл ва дӯхти худ фарқ накунанд ҳам, аз ҷиҳати сифат ва миқдор аз якдигар хеле фарқи куллӣ доштанд, ки барои муайян кардани сохтори иҷтимоӣ-синфии халқҳои Помир ва Наздипомири нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX маводи муҳим ба шумор меравад. "Либоси онҳо, - қайд мекунад В.Н.Николский аз курта ва шалвор иборат буда, аз газвори пахтагин дӯхта шудааст, ҷома бошад, аз моҳут тайёр шуда буд. Онҳое, ки сарватманд буданд, шалвори аз моҳут тайёршуда ва нимтана дар бар доштанд, ҳокимон бошанд, либоси ба худ хосро ба бар менамудаанд. Масалан, оқсақолҳо ҷомаи расмии осиёгии ранга мепӯшиданд" [11, с. 654]. Аҳолии маҳаллӣ ба ҳама чиз муҳтоҷ аст, - менависад шоҳиди дигар[2]. Онҳо ба тани бараҳна ҷомаи пашмини истеҳсоли маҳаллӣ мепӯшиданд ва шалвори васеи то зону доштанд. Зимистон аз болои ҳамаи либоси номбаршуда нимпӯстин дар бар мекарданд. Кӯдакон тобистон тамоман бараҳна мегаштанд. Аз рӯи маълумоти И.И.Зарубин ҷомаҳои зикршуда тугма ё ягон чизе, ки онҳоро ба ҳам мепайвандад, надоштанд. Бинобар ин, ҷомаро ба тарафи рост тоб дода, ба он мепечиданд. Дарозии ҷомаҳо гуногун буда, гоҳе то зону ва баъзан то замин мерасиданд [8, с. 134-136]. Дар асарҳои тадқиқотчиёни рус қайд шудааст, ки дар он ҷойҳое, ки пахта кишт мекарданд ва ё харидани он имкон дошт, либосҳо аз газвори пахтагин дӯхта мешуданд. Вале маълум аст, ки дар ноҳияҳои Наздипомир ( Қаротегин ва Дарвоз ) пахта кишт намекарданд, аз ин рӯ, ҳамаи намудҳои пӯшок аз матои дағали пашмини истеҳсоли маҳаллӣ тайёр карда мешуданд [1].

Тибқи маълумоти М.С.Андреев "Солҳои тоинқилобӣ дар водии Хуф ягон хел матои пахтагин мавҷуд набуд. Пирамардони водии Хуф дар хотир доранд, ки на танҳо мардон, балки занҳо ҳам зимистон ва тобистон куртаҳое мепӯшиданд, ки аз матои пашмини истеҳсоли хонагӣ - "рағза" тайёр шуда буд [7, с. 243].

Маълум аст, ки сару либосро худашон медӯхтанд. Ҳар як соҳибхоназан метавонист ҳам барои худ ва ҳам барои аъзои оилааш либос дӯзад. Ҷомаҳоро васеъ ва бо остинҳои дароз медӯхтанд. Аксарияти тоҷикони Помир, азбаски дигар либос надоштанд, ҷомаро ба тани бараҳна мепӯшиданд [1]. Онҳое, ки нисбатан сарватманд буданд, куртаҳои пашмин ва ё пахтагин мепӯшиданд. Каллапӯши тоҷикон одатан аз тоқӣ [2] иборат буд, ки онро аз Бухоро ё Фарғона меоварданд. Тоқиро ба сари тарошидашуда мепӯшиданд ва ҳеҷ гоҳ аз сар намегирифтанд. Тоқиро аз матоъҳои адрас ё чити сурх, ки аз дигар ҷойҳо оварда мешуд, медӯхтанд. Дар баъзе ҷойҳо аз рӯи чити сурх тоқиро бо ресмони шоҳӣ гулдӯзӣ карда, оро медоданд [3].

Сарватмандон аз болои тоқӣ матои сафеди пахтагин ва ё пашмин мепечониданд, ки он салла ном дошт. А. Серебренников қайд мекунад, ки "печонидани салла хеле бодиққат сурат мегирад ва як нӯги он аз тарафи чапи сар овезон карда мешуд, ки мебоист камтар дар қафо бошад ва гӯши чапро напӯшонад" [14, 420]. Камбағалоне, ки салла надоштанд, сарро бо рӯймол ё пораи матоъ мепечониданд. Чи тавре, ки М.А.Кирхгоф қайд мекунад дар Язғулом "аксарият ба ҷои салла ба сар латта мебастанд" [10, с. 15]. Зарубин И.И. менависад: камбағалоне, ки каллапӯш намеёфтанд, ба сар гулчанбарҳои аз алаф бофташуда ё баргҳои паҳн мепӯшиданд, то сари худро аз офтоби сӯзон нигоҳ доранд [8,135]. Ранги дӯстдоштаи салла, менависад, А.Серебренников, кабуди паст ё рах-рах буд [14, с. 419]. Бартарии асосии салла дар дарозӣ ва ғафсии матоъ буд. Саллаи дока пурарзиш ҳисобида шуда, он на ба ҳама дастрас буд. Бисёриҳо бошанд, саллаҳои арзони аз матои дағал бофташуда мебастанд. Дар сармои зимистон саллаи гарми пашмин истифода бурда мешуд.

Бино ба тасдиқи муҳаққиқони рус, тоҷикони Помир дар фасли зимистон телпакҳои аз пашм бофташуда мепӯшиданд. "Вай монанди қалпоқ бофта мешуд, қайд мекунад, А.А. Бобринский – барои пӯшидан онро то ҳамвор шуданаш қат мекунанд, ин гуна сарпӯшро "пакул" меноманд [12, с. 52]. Писарчик А.К. қайд мекунад, ки "дар замони гузашта сарпӯшҳои аз моҳут дӯхташуда ва ё қалпоқҳои бофташуда, - "пакул" хеле паҳн шуда буд [13, с. 674]. Зимистон инчунин пӯстин, ки аз пӯсти гӯсфанд чун ҷома медӯхтанд, истифода мешуд. Дар водии Бартанг ғайр аз пӯстин ҷомаҳои пахтагин мепӯшиданд, ки онро аз қирғизҳо мегирифтанд ё аз Фарғонаю Бухоро меоварданд.

А.А.Семенов хабар медиҳад, ки аз болои ҳамаи либосҳои мавҷуда "дар вақти ҳавои хунук ҷомаи ғафси пашмини сиёҳ (чакман)" мепӯшиданд, ки худашон тайёр мекарданд. Ин гуна ҷома аз набудани курта ба тани бараҳна дар тамоми сол пӯшида мешуд. Зимистон шалворҳои ниҳоят

васеи пашмин мепӯшиданд. Дастпӯшакҳо, ки онро "дастбила" мегуфтанд ва аз пашми гӯсфанд бофта мешуданд, хеле кам истифода мешуд.

Либоси занон аз мардон фарқи кам дошт. Онҳо низ ҷома, пойҷома, курта мепӯшиданд ва ба сар рӯймол мебастанд. Дар Вахон ва Ишкошим занҳо тӯппиҳои ҳамвори начандон калонро дар сар доштанд, ҳангоми аз хона баромадан рӯймолҳои гуногунро ба сар мепарофтанд, ки пушти сар ва кокулҳоро панаҳ мекард. Аксарияти занҳо аз надоштани ҷома дар фасли сармо беҷома мегаштанд. Куртаи занонро назар ба куртаи мардон дарозтар медӯхтанд, ки он аз зону поён мешуд, гиребони куртаи занона то миён чок буд, ки ин ба занҳо имкони ба осони шир додани тифлашонро медод. Гиребони куртаи духтарона чоки доирашакл дошт [3].

Ба масъалаи либоси занҳо А.А. Семенов бештар диққат дода, қайд мекунад: "гиребони куртаҳои занона ва духтарона бо ҳошияҳои шоҳӣ кашидадӯзӣ шудааст. Дар бисёр ҷойҳо остини куртаҳои духтарона бо чунин ҳошияҳо гулдӯзӣ карда мешуд, ки онро "дастмуна" мегуфтанд. Занҳои ҷавон ва духтарон ба сар сарпечҳои борики на он қадар дарози шоҳӣ мепечониданд, ки онҳоро сарбандак мегуфтанд. Чунин сарбандакҳо ба болои мӯй партофта шуда, нӯги онҳо аз зери кокулҳо ба ҳам баста мешуд. Пойҷомаи занҳо аз матои сафед ё сурхи пахтагин дӯхта мешуд, поёнаш танг шуда, пойро пурра мепӯшид. Либосҳои занона нисбат ба мардон одӣ ва камбағалтар буданд [16,с.30].

Қайд кардан зарур аст, ки на ҳамаи мардуми Помир номгӯи пурраи либосҳоро доштанд. Баъзеҳо аз набудани ҷома ё курта дар ҳавои гарм низ пӯстин мепӯшиданд. Муҳаққиқ Г.А. Арандаренко менависад: мардум дар хонаи худ захираи либос надорад, ҳар кӯҳистонӣ як ҷуфт либоси таг, пойпечаки пашмин, ҷӯроб, як ҷуфт мӯза, сарпӯши латтагин, ки аз суфи дағал буда, ба ҷои салла истифода мешуд, ҷомаи пашмин (чакман) ва шалвори пашмин дорад. Ин ҳама дар давоми сол ба мардум хизмат мекунад. Занон як ҷуфт пироҳани суфи дағал, рӯймоли дока, куртаи пашмин ва калӯш доштанд. Бо ин сабаб либос тез-тез иваз карда намешуд. Либосҳоро дар як сол се маротиба мешустанду халос. Азбаски либоси иловагӣ надоштанд ҳангоми шустани либос онҳо дар ягон гӯша пинҳон шуда менишаст ва ё либоси ҳамсояро қарз мегирифтанд, бачагон аксар вақт бараҳна мегаштанд [6,с.304-305].

Бо таассуф қайд кардан лозим аст, ки дар асарҳои шарқшиносони рус оид ба либосҳои маросимӣ ягон маълумот дода нашудааст. Ҳамаи намудҳои пойафзолро, бе фарқият, ҳам занҳо ва ҳам мардҳо мепӯшиданд. Мӯзаҳои мулоим – пех, ки аксар вақт аз пӯсти оҳу ва бузи кӯҳӣ дӯхта мешуданд, пойафзоли тоҷикони кӯҳистонро пурра мекунад. " Пехро яххела ҳам мардон, ҳам занҳо мепӯшиданд " мегӯяд И.И. Зарубин [9, с. 65]. Пех мӯзаҳои дарози аз пӯсти мулоим дӯхташуда буд, дарозии пех ба дарозии пӯсти мавҷуда вобастагӣ дошт. Аз ҳама пехҳои баландсохт то зону мерасиданд. Маълум аст, ки пех пошна ва тагдӯхти мустаҳкам надошт ва чунонки Б. Громбчевский қайд мекунад: " Ин пойафзоли мулоим ва бе пошна барои кӯҳсор фавқулода сабук ва қулай буд" [5]

Шакли дигари пойафзоли тоҷикони назди Помир – муккӣ ба ҳисоб мерафт. Вай ба мӯза монанд аст, - навишта буд А.А. Семенов, ки аз пӯсти хоми дағал ( бештар аз пӯсти барзагов ) дӯхта мешуд. Айёми тирамоҳ дар вақти ҳавои намнок аз болои пех кафши чӯбин ба по мепӯшиданд. Кафши чӯбинро худи тоҷикон аз чӯби дарахти чормағз ва ё дигар дарахтҳо месохтанд. Аз рӯи маълумоти муҳаққиқи намоёни Помир Иванов Д.Л. ин кафшҳои чӯбин хеле калонҳаҷм ва дағал бошанд ҳам, вале кӯҳистониҳо онро моҳирона мепӯшиданд. Олимони рус зикр мекунанд, ки мардуми маҳаллӣ ба иқлими душвор нигоҳ накарда, то ҳатто аз болои ағбаҳои барфпӯш пойлуч мегузаштанд. Громочевский Б.Л маълумот медиҳад, ки: " Имрӯз ман одамонеро, ки барои гузаштан аз ағбаи Гарданаи Кафтар киро карда будам, ҷавоб додам, чунки аксарияти онҳо ба сармо ва барф нигоҳ накарда, пойлуч буданд" [3]. Ҳамин тариқ, ба Помир ва Наздипомир (Қаротегин ва Дарвоз) бисёр пажуҳишгарон ва сайёҳони рус: таърихшиносон, этнографҳо, забоншиносон, олимони табиатшинос ва ҷуғрофидонҳо дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX сафар карда, дар асарҳояшон ҳаёти қашшоқонаи аҳолии меҳнаткашро, ки аз зулми заминдорони маҳаллӣ аз як тараф ва мансабдорони амир ва ҳукумати подшоҳӣ аз дигар тараф азият мекашиданд, тасвир кардаанд. Дар мавриди мо, масъалаи омӯзиши бевоситаи либоси тоҷикони Помир ва Наздипомирро ба ғайр аз Зарубин И.И. ягон нафари онҳо мақсади махсуси омӯзиш қарор надода бошанд ҳам, ба ин нигоҳ накарда намояндагони илмҳои гуногун оид ба масъалаи сарулибоси тоинқилобии тоҷикони болооби Амударё маводи илмӣ ҷамъ кардаанд, ки ҳолати маданияти моддии аҳолии ин сарзаминро дар маҷмӯъ инъикос менамояд.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши дараҷаи инкишофи маданияти замони гузашта ва тарзи зисти халқҳои Осиёи Миёна , азҷумла аҳолии Помир ва ноҳияҳои ҳамҷавори он бе ҷалби асарҳо ва маводҳои илмии ҷамъкардаи олимон ва сайёҳони рус номумкин аст. Яке аз оқибатҳои мусбии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна аз ҷониби Росияи подшоҳӣ дар он аст, ки ин ҳудуд аз ҷониби олимон, муҳаққиқони руси нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX ҳамаҷониба омӯхта шуд. Муҳаққиқони рус ба дастгирии аҳолии маҳаллӣ такя карда, аз таъқиботи амалдорони аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд наҳаросида вақт, саломатии худро дареғ надошта аз ҳисоби пасандозҳои худ ба Помир ва Қаротегину Дарвоз сафар карданд ва маводи хеле фаровони илмиро бобати таърих, маданият, маишати халқҳои Осиёи Миёна азҷумла Помир ва Наздипомир ҷамъ оварданд. Мумкин аст гуфт, ки таҳқиқи этнографияи мардумони Осиёи Миёна дар асри XIX ба шарофати олимон ва сайёҳони рус оғоз гардида буд. Олимони рус бо таҳқиқотҳои худ исбот карданд, ки аҳолии Помир ва Наздипомир офарандаи фарҳанги бой буда, он ба хазинаи илми ҷаҳон ворид гаштааст. Маводҳое, ки муҳаққиқони рус ҷамъ оварданд, то имрӯз аҳамияти илмии худро гум накардаанд.Онҳо барои наслҳои оянда олимон хазинаи адонанашаванда мебошанд.

**АДАБИЁТ:**


1.Архив ГО,р-74, оп.1,д.46, л.63
2.Архив востоковедов,ф.121,оп.11,д.37,лл.33-34
3.Архив востоковедов, ф.121,оп.1,д.11,л.4-5.
4.Архив востоковедов,ф.121,оп.1,д.242, л.53
5. Архив ГО, ф.45, оп.1,д.6, л.85
6.Арандаренко, Г.А. Дарваз и Каратегин (этногрфический очерк) // Военный сборнык, Т.154,1883,№12. – С.303-319.
7.Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховвввья Аму-Дарьи), вып.2.Материалы к изучению культуры и быта таджиков, подготовлен к печати и снабжен приммамечаниями и дополнениями. Писарчик А.К. Институт истории , археологии и этнографии АН Тадж. ССР. Тр. Ан Тадж. ССР, Т.61, Сталинабад, 1958.-280 с.
8.Зарубин, И.И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков далины Бартанга. Отд.отт. из V тома // Сборника Музея антропологии и этнографии при Российской Академии наук. – Пг, 1917. –С.134-136.
9.Зарубин, И.И. Обувь горных таджиков долины Бартанга. Отд.отт. из III тома // Сборника Музея Антропологии и этнографии при императорской Академии наук. – Пг.,1915 – С. 65-75.
10.Кирхгоф, М.А. Из поездки на Памиры//ИТОРГО.-Т.II,1900.-Вы.1;Эггерт-под.пол.Очерк Памиров //СГТСМА.-СПб.-1902.-Вып.76.-С.1-26.
11.Никольский, В.Н. Прогулка по Памиру // Ежегодник русского горного общества. – Т.2,Спб.,1902. – С.650-658.
12.Очерки быта по путевым заметкам А.А. Бобринского. – М.,1908. –52 с.
13.Писарчик А.К. Припамирские таджики // Народы Средней Азии и Казахстана, Т.1. Серия «Народы мира». – М.,1962. – С.672-680
14.Русайкина, С.П. Народная одежда таджиков Гармской области Таджикской ССР: автореф. дисс. на учен. кан. ист. наук: 07.00.02 – М.,1952. – 23 с.
15.Серебренников, А. Очерк Шугнана // Военный сборник, Т.226,1895,№ 12. – С . 410-418.
16.Семенов,А.А.Этнографические очерки Зеравшанских гор Каратегина и Дарваза.-М.,903.-112 с.


**REFERENCES:**


1. Archive of the State Defense Committee, p-74, op.1, d.46, l.63
2. Archive of Orientalists, f.121, op.11, d.37, ll.33-34
3. Archive of Orientalists, f.121, op.1, d.11, l.4-5.
4. Archive of Orientalists, f.121, op.1, d.242, l.53
5. Archive of the State Defense Committee, f.45, op.1, d.6, l.85
6. Arandarenko G.A. Darvaz and Karategin (ethnographic essay) // Military collection, Vol.154, 1883, No.12. – P.303-319.
7. Andreev M.S. Tajiks of the Khuf Valley (Upper Amu Darya), issue 2. Materials for the study of the culture and life of the Tajiks, prepared for publication and provided with notes and additions. Pisarchik A.K. Institute of History, Archaeology and Ethnography of the Academy of Sciences of the Tajik SSR. Tr. of the Academy of Sciences of the Tajik SSR, Vol. 61, Stalinabad, 1958.-280 p.
8. Zarubin I.I. Materials and notes on the ethnography of the mountain Tajiks of the Bartang Valley. Separate sections from volume V // Collection of the Museum of Anthropology and Ethnography at the Russian Academy of Sciences. - Pg, 1917. - P. 134-136.

9. Zarubin I.I. Footwear of the mountain Tajiks of the Bartang Valley. Separate sections from volume III // Collection of the Museum of Anthropology and Ethnography at the Imperial Academy of Sciences. – Pg., 1915 – P. 65-75.
10. Kirchhoff M.A. From a trip to the Pamirs. // ITORGO.-V. II, 1900.-Vol. 1; Eggert-pod.pol. Essay on the Pamirs // SGTSMA.-SPb.-1902.-Issue 76.-P. 1-26.
11. Nikolsky V.N. A walk in the Pamirs // Yearbook of the Russian Mining Society. – V. 2, SPb., 1902. – P. 650-658.
12. Essays on everyday life based on travel notes by A.A. Bobrinsky. – M., 1908. –52 p.
13. Pisarchik A.K. Pamir Tajiks // Peoples of Central Asia and Kazakhstan, V. 1. Series "Peoples of the World". – M., 1962. – P. 672-680
14. Rusaykina S.P. Folk clothing of the Tajiks of the Garm region of the Tajik SSR: author's abstract. diss. for a candidate of historical sciences: 07.00.02 – M., 1952. – 23 p.
15. Serebrennikov A. Essay on Shugnan // Military collection, V. 226, 1895, No. 12. – P. 410-418.
16. Semenov A.A. Ethnographic essays on the Zeravshan mountains of Karategin and Darvaz.-M., 1903.-112 p.